Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Саидзода Дилшод Саид дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ)**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқшаванда — самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир — дорои аҳамияти махсуси назариявӣ ва амалӣ мебошад. Ин масъала ҳам дар заминаи таҳлили раванди ташаккули пояҳои давлатдорӣ ва низоми идоракунии давлатӣ ва ҳам дар ҷиҳати муайян кардани механизмҳои муосири сиёсати миллӣ, яке аз самтҳои муҳими таҳқиқот дар илми сиёсатшиносӣ ба шумор меравад.

Баъд аз ба даст овардани истиқлолият, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маҷмӯи мушкилоти сиёсии дохилӣ ва таҳдидҳои беруние рӯ ба рӯ гардид, ки зарурати шаклгирии равандҳои нави идоракунӣ, таҳияи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва устувор сохтани пояҳои давлатдории миллиро ба миён овард. Дар ин раванд, масъалаи муайянсозии самтҳои асосӣ, принсипҳо ва механизмҳои амалисозии сиёсати давлатӣ аҳамияти афзоянда пайдо намуд.

Дар чунин шароит, омӯзиши равандҳо ва тамоюлҳои ташаккули сиёсати давлатӣ, инчунин таҳлили таҷрибаи амалии таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ имконият медиҳад, ки хусусиятҳои хоси марҳилаи кунунии рушди сиёсиву иҷтимоии кишвар аниқ ва муфассал арзёбӣ гарданд.

Муаллиф мавзӯи мазкурро ба таври ҳамаҷониба таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки самтгирии сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то чӣ андоза ба талаботи замон, хусусиятҳои ҷуғрофию демографӣ ва шароити минтақавии кишвар мутобиқ мебошад. Ин таҳқиқот ба омӯзиши пайдарпайи равандҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ равона гардида, тамоюлҳои асосии рушди онро, аз ҷумла нақши ислоҳоти сохторӣ, истифодаи захираҳои табиӣ ва инсонӣ, ҳамчунин ҳамоҳангии сиёсати дохилию хориҷӣ фаро мегирад.

Мавзуи мазкур на танҳо барои дарки амиқи ҷараёнҳои сиёсии муосир дар Тоҷикистон, балки барои такмили механизмҳои таҳияи сиёсати давлатӣ низ муҳим мебошад.

**Сатҳи таҳқиқи илмии масъала.** Бо вуҷуди аҳамияти баланди илмии масъала, дар адабиёти илмии ватанӣ таҳқиқи амиқу системавии самтҳо ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир то имрӯз ба таври маҳдуд анҷом дода шудааст. Аксари корҳои илмӣ бештар ба таҳлили умумии сиёсати давлатӣ ва паҳлуҳои ҳуқуқиву маъмурии он равона гардида, паҳлӯҳои иҷтимоӣ, минтақавӣ ва фарҳангии ин раванд камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд.

Ин ҳолат зарурати таҳқиқи фарогир ва байнисоҳавиро ба миён меорад, ки дар он сиёсати давлатӣ на танҳо ҳамчун маҷмӯи қарорҳои маъмурӣ, балки ҳамчун раванд ва натиҷаи ҳамоҳангии омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мавриди омӯзиш қарор бигирад.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти пешниҳодгардида кӯшиши пур кардани як фосилаи муҳими илмиро дар соҳаи таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити муосири Тоҷикистон ифода менамояд. Он маълумоти нави таҳлилӣ ба гардиши илмӣ ворид намуда, заминаи муҳиме барои амиқтар дарк кардани равандҳои ташаккул ва рушди сиёсат дар давраи истиқлолият фароҳам меорад.

**Хусусиятҳои муҳтавои автореферат.** Автореферати диссертатсияи Саидзода Дилшод Саид сатҳи баланди фарҳанги илмиро инъикос менамояд. Дар он ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот дақиқ ва равшан муайян гардида, нуктаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда ва натиҷаҳои муҳими илмӣ ба таври мураттаб ироа шудаанд. Сохтори кори диссертатсионӣ ва автореферат бо асоснокии илмӣ тарҳрезӣ гардида, заминаи назариявию методологӣ, таҳлили омилҳои таърихию сиёсӣ ва арзёбии равандҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Ба хусус, дар автореферат ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳи махсус дода шудааст: таҳлили сиёсати давлатӣ ҳамчун падидаи муҳим дар шароити муосири рушди Тоҷикистон; омӯзиши парадигмаҳои назариявӣ ҷиҳати дарки мазмун ва моҳияти он; муайян намудани принсипҳо, меъёрҳо ва усулҳои таҳияву татбиқи он дар сатҳи миллӣ; арзёбии хусусиятҳои хоси сиёсати давлатӣ дар ҷомеаҳои муосир ва самтҳои афзалиятноки он дар Тоҷикистон; таҳлили нақши ниҳодҳои давлатӣ дар амалисозии сиёсати давлатӣ; инчунин пешниҳоди тавсияҳо барои такмили он дар шароити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодии кишвар.

Ин равиш ба кори илмӣ на танҳо аҳамияти назариявӣ мебахшад, балки арзиши амалии онро низ афзоиш медиҳад, хусусан барои омӯзиши давраи муайяни ташаккули сиёсати давлатӣ ва таҳаввулоти он дар шароити иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистони муосир.

**Навоварии илмӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқот.** Навоварии илмии таҳқиқот дар он ифода мeёбад, ки масъалаи таҳия ва рушди сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосири инкишоф бори аввал дар доираи як таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Тадқиқот равандҳои ташаккулёбии сиёсатгузории давлатӣ, заминаҳои назариявӣ, хусусиятҳои соҳавӣ ва универсалии он, инчунин принсипҳо, меъёрҳо ва механизмҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистонро таҳлил менамояд. Аз ҷумла:

– сиёсати давлатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва сиёсии муосир бо дарназардошти мазмун, моҳият, шаклҳо ва самтҳои амали он таҳқиқ шудааст;

– зарурати омӯзиши парадигмаҳои гуногуни сиёсати давлатӣ барои фаҳми амиқи хусусиятҳои ташаккул ва татбиқи он асоснок шудааст;

– принсипҳо ва меъёрҳои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ мушаххас ва таҳлил шудаанд;

– самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва нақши ниҳодҳои давлатӣ дар татбиқи он дар Тоҷикистон нишон дода шудаанд;

– мушкилоти амалисозии сиёсати давлатӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо дар шароити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон муайян гардидаанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои он метавонанд дар рушди минбаъдаи сиёсати давлатӣ, такмили равандҳои идоракунии давлатӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодагии мутахассисон дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва илмҳои сиёсӣ мавриди истифода қарор гиранд. Илова бар ин, маводи таҳқиқот метавонад дар таҳияи барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва омӯзиши амалии хизматчиёни давлатӣ васеъ истифода шавад. Хулосаҳо ва пешниҳодоти таҳқиқот метавонанд дар раванди таълими фанҳои сиёсӣ ва соҳаҳои ҳаммарз дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси равиши синергетикӣ ба таври самаранок татбиқ гарданд ва аҳамияти амалии хоса пайдо кунанд.

**Методологияи таҳқиқот.** Объект, предмет ва ҳадафи таҳқиқот зарурати истифодаи методологияи таҳлили сиёсӣ, усулҳои системавӣ ва муқоисавиро пеш мегузоранд. Ин маҷмӯи усулҳо ва равишҳои таҳқиқотӣ шароит фароҳам меорад, то сиёсати давлатӣ ҳамчун як падидаи ягонаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маъмурӣ мавриди баррасии илмӣ қарор гирад.

Дар ин раванд, методи функционалӣ ва таркибӣ нақши калидӣ мебозад, зеро он имкони омӯзиши сиёсати давлатӣ ҳамчун раванд ва сохтори бисёрҷанба, ки ҷузъҳои сиёсӣ, маъмурӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва кадриро дар бар мегирад, фароҳам месозад.

Истифодаи нигоҳ ва муносибати ниҳодӣ ба таҳлили сиёсати давлатӣ имкон медиҳад, ки мақоми он ҳамчун унсури муҳими низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ муайян карда шавад. Ин равиш инчунин шароит муҳайё мекунад, то нақши сиёсати давлатӣ дар таҳкими сохтори демократӣ, бартарафсозии мушкилоти ҷамъиятӣ ва идоракунии самаранок равшан гардад.

Муносибати системавӣ бошад, ба дарки амиқи тамоми сохтор ва равандҳои марбут ба сиёсати давлатӣ мусоидат намуда, робитаи мутақобилаи байни ниҳодҳои гуногун ва таъсири онҳо ба ташаккули стратегияи давлатии идоракунӣ ошкор мегардад. Дар доираи ин муносибат, ҳамкории сохторҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар субъектҳои иҷтимоӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсия дараҷаи баланди тафаккури илмии муҳаққиқро, муназзамию систематикунонии мавод ва қобилияти таҳлили амиқро инъикос мекунад. Мавзуъ ниҳоят муҳим, навоварии таҳқиқот

равшан, сохтор муназзам ва хулосаҳо асоснок мебошанд. Умуман, таҳқиқоти мазкур ба талаботи диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Бо такя ба гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ Саидзода Дилшод Саид дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калони
кафедраи дипломатия ва муносибатҳои
байналмилалии Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Наимӣ Исмоил Нурулло

Имзои номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими
калони кафедраи дипломатия ва муносибатҳои
байналмилалии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Наимӣ Исмоил Нуруллоро, тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.
13. 06. 2025. с